# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи илмӣ ва муҳтавои кори диссертатсионии Сафарзода Зайнудин дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси: 4.2.2 -Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

б.1. Беҳтар намудани зотҳо, намудҳо, навъҳо, зотҳо ва зотҳои мавҷудаи ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.2. Такмили усулҳои мавҷуда ва кор карда баромадани усулҳои нави селексия, баҳодиҳии зотпарварӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.3. Самаранокии усулҳои гуногуни селексия барои зотпарварӣ ва зотгирӣ;

б.5. Баҳодиҳии хусусиятҳои берунӣ-андомӣ ва дохилии ҳайвонот ва истифодаи нишондиҳандаҳои онҳо дар кори зотпарварӣ;

б.6. Такмили усулҳои баҳодиҳии сифатҳои ирсии ҳайвонот аз рӯйи пайдоиш ва сифати насл.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари аграрӣ ба ҳисоб рафта, 93% -и қаламрави онро минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ дар бар мегирад. Аз ин сабаб истифодаи оқилонаи чунин

минтакаҳо барои парвариши чорвои калон ва хурд ба роҳ монда шудааст.

Барои инкишоф ёфтани соҳаи чорвои гӯштӣ аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта ба хоҷагиҳои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ 13 намуди зотҳои махсусгардонидашудаи самти маҳсулнокиаш гӯштӣ ворид карда шудааст.

Аз зотҳои чорвои воридгардида танҳо се зот - қазоқии сарсафед, қалмиқӣ ва абердин-ангусӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ мувофиқ омада бо хусусиятҳои мутобиқшавӣ, зудрасӣ, дараҷаи қаноатбахши такроистеҳсолкунӣ, тобоварӣ бо маҳсулнокии баланди гӯштӣ, сарфаи ками хӯрока ва истифодаи самараноки чарогоҳҳои табиии кӯҳӣ ба натиҷаҳои хуб ноил гардидаанд. Ин сабаби он гаштааст, ки чорвои мавҷудаи маҳалӣ минбад бо ин зотҳои гӯштӣ дурага кунонида шаванд. Дар натиҷаи корҳои селексионии тӯлонӣ муайян гардидааст, ки аз се зот зоти қазоқии сарсафед бартарӣ доштанд. Ин минбаъд сабаби гузаронидани корҳои селексионии калонҳаҷм гардида вазни зиндаи чорвои маҳалӣ марҳила ба марҳила баланд бардошта шавад.

Кори диссертатсионии Сафарзода Зайнудин низ ба ин масала равона карда шудааст. Унвоҷӯ дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ҷиҳати омӯхтани хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва зотнокии зотҳои чорвои гӯштӣ ва дурагаҳои он бо популятсияи маҳалӣ корҳои илмии мақсаднокро ба анҷом расонида самаранокии онро муайян намудааст ва бинобар ин сабаб мкбрам мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Яке аз роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорвои гӯштӣ ва сифати ирсии онҳо гузаронидани корҳои дурагакунонӣ ба шумор меравад. Бинобар ин сабаб, асоси навгонии илмии кори диссертант Сафарзода Зайнудинро омӯхтани нишондиҳандаҳои маҳсулнокии байни дурагаҳои гирифташуда ва чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ, афзоиш ва рушди онҳо, такрористеҳсолкунӣ, самаранокии

парвариши буққачаҳо, сифати гӯшт ва равғани дохилӣ ташкил менамояд. Натиҷаи ин тадқиқотҳо дар кор карда баромадани системаи парвариш ва мукаммалгардонидани маҳсулнокии гӯштии чорвои дар кишвар парваришёбанда истифода мешаванд.

Аз ин рӯ нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд иборат аст:

1. Омӯхтани хусусиятҳои маҳсулнокии гӯштии буққачаҳои генотипашон гуногун;

2. Афзоиш ва рушд, хусусиятҳои экстерерӣ, вазни зиндаи буққачаҳои дурага.

3. Самаранокии иқтисодии маҳсулнокии буққачаҳои аз дурагакунӣ гирифташуда.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дараҷаи эътимоднокӣ дар асоси маълумотҳои назариявӣ ва гузаронидани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, ки ба баланд бардоштани истеҳсоли гӯшт равона шудааст, корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули маҳсулнокии чорво, вазни зинда, маҳсулнокии гӯшти, нишондиҳандаҳои морфологӣ ва химиявии он, дар буққаҳои дурага гирифташуда байни зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳаллӣ бо коркарди статистикӣ тасдиқ карда мешаванд.

Корҳои тадқиқотӣ бо истифода аз усулҳои умумии қабулшуда, ҳамчун усулҳои зоотехникӣ, генетикӣ, технологӣ, химиявӣ ва иқтисодӣ гузаронида шудаанд. Инчунин, барои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯшт ва сифати он гирифтани буққаҳо бо истифода аз усули дурагакунӣ гузаронида шуда, натиҷаҳо ба даст омадашуда бо коркарди оморӣ аз рӯйи методикаи Стюдент коркард карда шудаанд.

Кори илмӣ дар доираи лоиҳаи илмии ҷумҳуриявии "Беҳтар кардани хусусиятҳои генетикӣ ва маҳсулнокии чорвои калони шохдор, қутосҳо ва асп дар хоҷагиҳои моликияташон гуногун" давраи солҳои 2021-2025 (ГР №

0121TJ1155) дар назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ иҷро гардидааст.

Хулоса ва пешниҳодҳо ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқат менамояд ва аз натиҷаҳои корҳои иҷрогардида омода карда шудааст.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, шарҳи адабиёт, маводҳо ва методикаи тадқиқот, натиҷаҳои тадқиқот, муҳокима, хулосаҳо, пешниҳодҳо ба истеҳсолот иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 145 номгӯйро ташкил менамояд. Кор бо ҳуруфи компютерӣ дар ҳаҷми 145 саҳифа навишта шуда, аз 29 ҷадвал ва 17 расм иборат аст.

Дар муқаддима мавқеи парвариши чорвои гӯштӣ дар минтақаҳои кӯҳию наздикӯҳӣ, дар ҷумҳурӣ ва берун аз он, аҳамияти мавзуи тадқиқоти илмии асоснокшуда, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум- “Шарҳи адабиёт” аз тадқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ нисбати таърихи инкишофи чорвои гӯштӣ дар минтақаҳои ҷаҳон; парвариш ва пешрафти соҳаи чорвои гӯштӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; таъсири омилҳои гуногун ба гирифтани зоту типҳои нав ва истеҳсоли гӯшти чорвои калони шохдор дар самтҳои гуногун; таъсири омилҳои технологӣ ба хусусиятҳои хоҷагидорию биологии зоту типҳои чорвои гӯштӣ; омилҳое, ки ба сифати пӯсти буққаҳо ва ашёи хоми он таъсиркунанда, таъсири омилҳои физиологию гематологӣ дар хуни чорвоҳои тадқиқшаванда маълумот оварда шудааст.

Дар боби дуюм -“Мавод ва методикаи тадқиқот” шароитҳои табиию иқлимии минтақаҳои кӯҳию наздикӯҳӣ, аз ҷумла хоҷагидории ноҳияи Темурмалик, мавқеи ноҳия аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ, боду ҳаво ва иқлими ноҳия дар давоми фаслҳои сол, майдони чарогоҳҳо барои парвариши чорвои гӯштӣ ва шароити гузаронидани тадқиқотҳо , маводҳо ва методикаи тадқиқот оид ба парвариши ҷавонаҳо, афзоиши рушд ва инкишофи ҷавонаҳо, хӯронидан ва сарфи хӯрока, нишондиҳандаҳои

морфологӣ ва гистологӣ, инчунин хосиятҳои технологии пӯст баррасӣ гардидаанд.

Дар боби сеюм -"Натиҷаи тадқиқотҳо" доир ба парвариш ва нигоҳубини чорвоҳои таҷрибавӣ дар хоҷагӣ, хӯронидани буққаҳои таҷрибавӣ ва вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва мутлақи онҳо, омӯзиши ченакҳои бадан, баҳодиҳии селексионии буққаҳои самти гӯштӣ аз рӯйи вазнафзуншавии шабонарӯзӣ ва маҳсулнокӣ, баҳодиҳии муқоисавии нишондодҳои забҳи буққаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда, сифати гӯшти онҳо, ба навъҳо ҷудо кардани гӯшт ва таркиби морфологии гӯшти заҳбшудаи буққачаҳои таҷрибавӣ, нишондоди клиникӣ, таркиби хусусиятҳои пӯст ва самаранокии иқтисодии парвариши буққаҳои дурага ва маҳаллии беҳтаркардашуда оварда шудааст.

Муаллифи кори илмии диссертатсионӣ бо мақсади гузаронидани усули дурагакунии чорвои популятсияи маҳаллӣ бо буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ, ҷиҳати ба даст овардани дурагаҳо ва муқоисаи давомнокии давраи инкишофи ҷанинӣ, вазни зинда, ирсиятнокӣ, андозагирии қисмҳои берунӣ (экстерер), хусусиятҳои химиявию морфологии гӯшт, равғани дохилӣ ва самаранокии иқтисодӣ бо насли гирифташудаи буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо говҳои популятсияи маҳаллӣ дар хоҷагии кооперативии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалик гурӯҳҳои таҷрибавӣ ташкил намуда, ба буққаҳои зотии сарсафеди қазоқӣ 25 сар чорвои (гови) популятсияи маҳаллӣ ва ба буққаҳои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 20 сар вобаста кардааст.

Дар натиҷаи парвариш ва нигоҳубин муайян карда шудааст, ки байни вазни зиндаи гӯсолаҳо ҳангоми таваллуд гирифта шуда ва вазни онҳо дар синни балоғат алоқамандии мусбӣ вуҷуд дорад. Муайян карда шудааст, ки байни вазни зиндаи модар ва давраи ҳомилагӣ ва ҳангоми таваллуд вобастагӣ вуҷуд дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши вазнафзуншавии мутлақӣ буққачаҳо мувйян карда шудааст, ки дар ҷавонаҳои дурага (зоти қазоқии сарсафед Х

популятсияи маҳаллӣ) вазни зинда дар синни 12 моҳагӣ нисбат ба буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 21,14% зиёдтар буд. Дар синни 1,5 солагӣ бошад, буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 281 кг вазни зинда доштанд, ки барои чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ин вазни хуб буд, чунки агар ба назар гирем, ки ҳангоми супоридани гӯшт вазни зиндаи чорвои калонсолони маҳаллӣ дар дигар хоҷагиҳо 220 кг мебошад. Афзоиши мутлақ дар давраи парвариш (то 18 ва то 24 моҳагӣ) дар гурӯҳи дурагаҳои насли сарсафеди қазоқӣ 298,2 ва 356,3 кг, ва дар гурӯҳи буққаҳои маҳаллӣ 263,4 ва 301,2 кг-ро ташкил додааст.

Дар натиҷаи омӯзиши ченакҳои бадани буққачаҳо аз давраи таваллуд то синни 24 моҳагӣ нишон дод, ки афзоиши баланд дар байни дурагаҳо аз давраи таваллуд то дусолагӣ аз рӯйи ченакҳое, ки асосан дар давраи пас аз инкишофи эмбрионалӣ инкишоф меёбанд, мушоҳида карда шуда паҳноии кафаси сина аз кафои шонаҳо 3,6 ва 3,2 маротиба, паҳнои қафо дар васегии устухони чорбанд (маклокҳо) 3,1 ва 2,6 маротиба афзудааст. Ченакҳои баландӣ, ки дар давраи эмбрионалӣ ба андозаи баланд ба назар мерасад, камтар афзоиш ёфтанд. Афзоиши баланди ҳамаи ченакҳо дар ҳарду гурӯҳ бо гузашти синну сол бо мурури афзоиш каме коҳиш ёфтанд.

Ҳамин тариқ ченакҳои муайяни ташаккулёбии нишондодҳои нисбатан бадан додааст. Буққаҳои дурага нишондиҳандаҳои баландтари калонҷуссагӣ, фурӯтани, паҳноии бадан, паҳноии қафоро доштанд, ки аломатҳои чорвои гӯштиро муайян менамуданд.

Дар корҳои зотпарварӣ бо зотҳои чорвои гӯштӣ баҳо додани сифати зотии буққаҳои наслдеҳ аҳмияти хоса дорад. Бо истифодаи буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ дурага намудани чорвои популятсияи маҳаллӣ ва ба воситаи онҳо гирифтани буққачаҳои маҳаллии беҳтаркардашуда бо гирифтани вазни миёнаи сермаҳсули гӯштӣ байни онҳо муяссар мешавад. Дар натиҷа маҳсулоти гирифташуда аз дурагаҳо нисбат ба буққачаҳои маҳаллӣ ҳам дар вазни зинда ва ҳам дар сатҳу сифати гӯшт бартарии

калон дошта, барои истифодаи ояндаи корҳои зотпарварӣ мусоидат менамояд.

Дар боби чорум -“Баррасии натиҷаҳои тадқиқот” унвонҷӯ натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидаашро таҳлилу баррасӣ намуда, хулоса ва ҷиҳати истифодаи таҷрибаҳо дар истеҳсолот пешниҳодҳо намудааст.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**.

Аҳмияти назариявии натиҷаҳои илмӣ оид ба дурага намудани буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳаллӣ малакаи донишро оид ба усулҳои селексионӣ баланд бардоштани маҳсулнокии чорворо ғанӣ мегардонад ва аз ҷиҳати амалӣ афзоиши истеҳсоли гӯшт нисбатан арзон, баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд.

Аҳамияти иқтисодии диссертатсия дар он аст, ки аз тарафи унвонҷӯ муайян карда шудааст, ки хароҷотҳо дар парвариши як буққаи таҷрибавӣ то синни 18- моҳагӣ дар буққачаҳои беҳтаркардашуда 6130 сомонӣ ва дар буққачаҳои дурага (сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) 6410 сомониро ташкил намудааст. Дар натиҷаи фурӯши буққачаҳо бо вазни зинда, даромади онҳо мутаносибан 4366 ва 5446 сомониро ташкил додаст, ки меъёри даромаднокӣ, мутаносибан, ба 71% ва 85% расидааст.

Дар синни 24 моҳагӣ бошад, вазни зинда дар буққачаҳои беҳтаркардашуда 304,2 кг ва дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ Х популятсияи маҳаллӣ) 352 кг-ро ташкил дода, хароҷоти сарфшуда мутаносибан ба 8173 ва 8546 сомонӣ расидааст. Дар натиҷаи фурӯши буққачаҳо бо вазни зинда, даромади онҳо мутаносибан 3995 ва 5534 сомониро ташкил додааст, ки меъёри даромаднокӣ мутаносибан ба 49% ва 65% мерасад.

Даромади ҳар як буққачаи дурага дар синни 18 -моҳагӣ дар муқоиса бо буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ 24,7% зиёдтар буд. Дар синни 24-моҳагӣ фарқият мутаносибан ба 38,5% расидааст.

Аҳаммияти иҷтимоии тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дар истеҳсолот ба таври васеъ истифода бурда мешавад, самаранокии меҳнатро баланд менардонад ва маводҳои корҳои илмӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз рӯйи фанҳои тахассусии донишгоҳҳо оид ба зоотехнияи ҷузъӣ, селексия, генетика ва парвариши чорвои кишоварзӣ истифода мешаванд.

**7. Нашри натиҷаҳои тадқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводҳои иҷрошудаи кори диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ нашр шудааст, ки аз он 4 мақола ба рӯйхати маҷаллаҳои ба қайд гирифташудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин тибқи талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ба вуҷуди таҳлилҳо ва додани баҳои мусбат ба рисолаи мазкур, дар он баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, хатоҳои имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Хуб мешуд, ки дар баробари ченакҳои бадани буққачаҳои таҷрибавӣ, дар диссертатсия индексҳои танаи онҳо ҳисоб карда шавад.

2. Саҳифаи 67, дар ҷадвали 3.5.1. вазни зиндаи буққачаҳои зотӣ ва говҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ аз рӯйи классҳо оварда шудааст, аммо маълум нест, ки аз руйи кадом стандарти зотӣ ё дастурамали банитировка класси онҳо муайян карда шудааст.

3. Саҳифаи 73, дар ҷадвалҳои 3.5.4; 3.5.5; 3.5.6. лақаб ва рақами чорво ишора карда шудааст, аммо дар ҷадвалҳои зикргардида ягон лақаби буққачаҳои таҷибавӣ нест. Беҳтараш калимаи лақабро аз ҷадвалҳо гирифт.

4. Саҳифаи 75, дар ҷадвали 3.6.1. вазни зинда дар вақти гурусна нигоҳ доштан, вазни зиндаи баъди нигоҳ доштан ба муддати 24 – соат қайд шудааст. Эҳтимол, инҳо як маъно доранд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфи намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи «Сифатҳои гўштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Декани факултети зооинженерии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур,
номзади илмҳои кишоварзӣ Ҷурабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег

10 июни соли 2026

Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146а
E-mail: mastov1978@mail.ru
Телефон: (+992) 936008289

Имзои Ҷурабегзода А.Ҷ. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода Аваз Хол